“ТАСДИҚ ШУДААСТ”
Бо фармоиши Директори
ҶДММ “Паёми Аср”
аз 01.04.2023, №11

# СИЁСАТИ МАХФИЯТ МАЪЛУМОТИ ШАХСИИ ИСТИФОДАБАРАНДАИ БАРНОМАИ “ШАҲРИ БЕХАТАР”

Сиёсати махфияти маълумоти шахсии мазкур (минбаъд – Сиёсати махфият) нисбати ҳамаи маълумоте, ки дар барномаи “Шаҳри бехатар” аз ҷониби Истифодабаранда ҳангоми истифодаи он ворид карда шудааст, амалӣ мегардад.

## МУНДАРИҶА


1. Мафҳумҳое, ки дар Сиёсати махфияти мазкур истифода мешаванд.
2. Муқарраротҳои умумӣ.
3. Мавзӯи Сиёсати махфият.
4. Мақсади ҷамъоварии маълумоти шахсии Истифодабаранда.
5. Тартиб ва муҳлати ҷамъоварии маълумоти шахсӣ.
6. Шартҳои иловагӣ.
7. Замима ба Сиёсати махфият.


## 1. МАФҲУМҲОЕ, КИ ДАР СИЁСАТИ МАХФИЯТИ МАЗКУР ИСТИФОДА МЕШАВАНД

1.1. Дар Сиёсати махфияти мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

1.1.1. Барномаи “Шаҳри бехатар” – барномаи мобилие, суроғаи электронӣ ва дигар интерфейс, ки ба Оператор тааллуқ дорад ва барои дастрас кардани маълумот дар бораи Ҷаримаҳо бо сабаби вайрон кардани Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ таъин карда шудааст;

1.1.2. “Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар”” – кормандони масъуле мебошанд, ки идоракунии сомона ва коркарди маълумоти шахсии Истифодабарандагонро ташкил ва ба роҳ мемонанд;

1.1.3. “Маълумоти шахсӣ” – маълумот дар бораи далелҳо, воқеаҳо ва ҳолатҳои ҳаёти субъекти маълумоти шахсӣ, ки ба айнияткунонии шахсияти ӯ имкон медиҳад;

1.1.4. “Ҷамъоварии маълумоти шахсӣ” – амалҳои ба гирифтани маълумоти шахсӣ равонагардида;

1.1.5. “Нобуд кардани маълумоти шахсӣ” – амалҳое, ки дар натиҷаи иҷрои онҳо барқарор намудани маълумоти шахсӣ имконнопазир аст;

1.1.6. “Коркарди маълумоти шахсӣ” – амалҳое, ки ба сабт, мураттабсозӣ, нигоҳдорӣ, тағйирдиҳӣ, такмил, гирифтан, истифода, паҳнкунӣ, бехусусияткунонӣ, бастан ва нобудсозии маълумоти шахсӣ равона гардидаанд;

1.1.7. Истифодабаранда – шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки барномаи “Шаҳри бехатар”-ро истифода мебарад.

1.1.8. “Махфияти маълумоти шахсӣ” – талаботи ҳатмӣ оид ба паҳн накардани маълумоти шахсии Истифодабаранда, ки аз ҷониби Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” ва шахсони сеюм риоя карда мешавад.

## 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

2.1. Оғози истифодабарии барномаи “Шаҳри бехатар” аз ҷониби Истифодабаранда ин эътироф намудани додани розигӣ бо муқарраротҳои Сиёсати махфияти мазкур ва шартҳои коркарди маълумоти шахсии Истифодабаранда мебошад.

2.2. Ҳангоми розӣ набудан бо шартҳои Сиёсати махфият, Истифодабаранда бояд аз истифодабарии барномаи “Шаҳри бехатар” даст кашад.

2.3. Сиёсати махфияти мазкур танҳо ба барномаи “Шаҳри бехатар” татбиқ карда мешавад. Барои истифода намудани барномаҳо ва сомонаҳои шахсони сеюм, ки Истифодабаранда тавассути барномаи “Шаҳри бехатар” ба онҳо мегузарад, Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” ҷавобгар намебошад.

2.4. Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” барои дурустии маълумоти шахсии Истифодабаранда ҷавобгар намебошад.

## 3. МАВЗӮИ СИЁСАТИ МАХФИЯТ

3.1. Сиёсати махфияти мазкур уҳдадории Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” оид ба ифшо накардан ва таъмини речаи ҳифзи махфияти маълумотҳои шахсии Истифодабарандаро муқаррар менамояд.

3.2. Маълумотҳои шахсие, ки барои коркард аз ҷониби Истифодабаранда дар доираи Сиёсати махфият пешниҳод карда мешавад инҳо мебошанд:

3.2.1. ном, насаб, номи падарӣ, почтаи электронӣ, рақами телефон, суроғаи истиқоматӣ, сурат ва дигар маълумотҳои Истифодабаранда, ки дар асоси он Истифодабарандаро ҳамчун субъекти маълумоти шахсӣ муаяйн карда мешавад;

3.2.2. маълумотҳо дар бораи воситаи нақлиёт ва ҳуҷҷатҳои он;

3.2.3. маълумотҳое, ки ҳангоми воридшавӣ ва истифодабарии барномаи “Шаҳри бехатар” ба таври автоматикӣ ирсол мешавад (IP суроға, вақти воридшавӣ ва ғайра).

3.3. Дигар маълумотҳое, ки дар банди 3.2. Сиёсати махфият дарҷ нашудаанд, бояд аз ҷониби Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” ҳифз карда шаванд.

## 4. МАҚСАДИ ҶАМЪОВАРИИ МАЪЛУМОТИ ШАХСИИ ИСТИФОДАБАРАНДА

4.1. Маълумотҳои шахсии Истифодабаранда дар мақсадҳои зерин истифода бурда мешаванд:

4.1.1. Барои айнияткунонии шахсияти Истифодабаранда, ки дар барномаи “Шаҳри бехатар” дархост гузоштааст;

4.1.2. Барои ташкили алоқаи бозгашт бо Истифодабаранда, инчунин ирсоли огоҳиномаҳо ва дархостҳо, ки бо истифодабарии барномаи “Шаҳри бехатар” алоқаманд мебошад;

4.1.3. Барои тасдиқ намудани дуруст ва пурра будани маълумотҳои шахсии Истифодабаранда;

4.1.4. Барои амалӣ намудани фаъолияти рекламавӣ бо розигии Истифодабаранда.

## 5. ТАРЗ ВА МУҲЛАТИ ҶАМЪОВАРИИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

5.1. Коркарди маълумотҳои шахсии Истифодабаранда бо тарзҳои қонунӣ дар низоми иттилоотии Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” амалӣ карда мешавад.

5.2. Маълумотҳои шахсии Истифодабаранда ба муҳлати номуайян дар махзани иттилоотии Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” нигоҳ карда мешавад.

5.3. Истифодабаранда Розигии худро барои коркарди маълумоти шахсӣ медиҳад. Матни Розигии Истифодабаранда дар Замимаи №1 ба Сиёсати махфияти мазкур муайян карда шудааст.

## 6. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

6.1. Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” ҳуқуқ дорад, ки ба Сиёсати махфияти мазкур тағйирот ва илова бе розигии Истифодабаранда ворид намояд.

6.2. Тағйироту иловаҳо ба Сиёсати махфияти мазкур аз лаҳзаи нашри он дар барномаи “Шаҳри бехатар” ба қувваи қонунӣ медарояд.

6.3. Истифодабаранда метавонад ба Сиёсати махфияти мазкур пешниҳодҳои худро ба суроғаи расмии Маъмурияти барномаи “Шаҳри бехатар” ирсол намояд.

Замимаи №1 ба
Сиёсати махфияти маълумоти шахсӣ

Розигии Истифодабарандаи барномаи “Шаҳри бехатар” барои коркарди маълумоти шахсӣ

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳаракат дар роҳ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” ва дигар санадҳои меъриии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишнома оид ба истифодабарии барномаи “Шаҳри бехатар”,

Ман, субъекти маълумоти шахсӣ, минбаъд Истифодабаранда номида мешавам, бо ирсоли маълумот тариқи шакли муқарраргардида дар барномаи “Шаҳри бехатар” ҳангоми гузаштани раванди бақайдгирӣ бо мақсадҳои истифодабарии барномаи “Шаҳри бехатар” ва хизматрасониҳои он, Розигии пурраи худро барои коркарди маълумотҳои шахсиам бо шартҳои зерин медиҳам:

1. Розигӣ ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Паёми Аср” (РМА: 020055559; РЯМ: 0210029976), ки воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 84 ҷойгир шудааст (минбаъд – Оператор), дода мешавад. Оператор ҳуқуқ дорад, ки барои амалӣ намудани мақсадҳои барномаи “Шаҳри бехатар” ба шахсони сеюм маълумотҳои шахсиамро равон кунад.

2. Розигӣ барои коркарди маълумотҳои шахсӣ тариқи пур кардани сархатҳои матнӣ, аз ҷумла:

– ном, насаб, номи падарӣ, почтаи электронӣ, рақами телефон, суроғаи истиқоматӣ ва дигар маълумотҳои Истифодабаранда, ки дар асоси он Истифодабарандаро ҳамчун субъекти маълумоти шахсӣ муаяйн карда мешавад;

– маълумотҳое, ки ҳангоми воридшавӣ ва истифодабарии барномаи “Шаҳри бехатар” ба таври автоматикӣ ирсол мешавад (IP суроға, вақти воридшавӣ ва ғайра),

дода мешавад.

Бо розигии мазкур Истифодабаранда тасдиқ менамояд, ки огоҳ ва розӣ мебошад, ки барои мақсадҳои барномаи “Шаҳри бехатар”, Оператор ҳуқуқ дорад, ки маълумотҳои иловагии Истифодабарандаро, аз ҷумла, тарзҳои пайвастшудании Истифодабаранда ба барномаи “Шаҳри бехатар”, IP суроғаи хост, намуди браузер, маълумот дар бораи провайдер ва ғайра, ҷамъоварӣ ва истифода намояд.

3. Розигӣ барои коркарди маълумотҳои шахсӣ бо мақсадҳои зерин дода мешавад:

– барои дастрасӣ ба хизматрасонии барномаи “Шаҳри бехатар”;

- барои муайянкунии Истифобаранда ҳангоми воридшавӣ, бақайдгирӣ ва истифодаи барномаи “Шаҳри бехатар”;
- барои коркарди дархостҳои Истифодабаранда;
- барои муқаррар намудани алоқаи бозгашт, инчунин ирсоли огоҳиномаҳо;
- барои мақсадҳои маркетинговии Оператор вобаста ба ба пешниҳоди хизматрасониҳои барномаи “Шаҳри бехатар”.

4. Ҳангоми коркарди маълумоти шахсӣ Оператор ҳуқуқ дорад маълумотҳои шахсии Истифодабарандаро ҷамъ, сабт, мураттабсозӣ, нигоҳдорӣ, тағйирдиҳӣ, такмил, гирифтан, истифода, паҳнкунӣ, бехусусияткунонӣ, бастан ва нобудсозии онҳоро намояд.

5. Бо розигии мазкур, Истифодабаранда тасдиқ менамояд, ки:

5.1. Огоҳ ва розӣ мебошад, ки Оператор ҳуқуқ дорад маълумотҳои шахсии Истифодабарандаро дар ҳаҷми зарурӣ ба шахсони сеюм ирсол намояд.

5.2. Розигӣ барои коркарди маълумотҳои шахсӣ медиҳад ва тасдиқ менамояд, ки аз ҷониби Оператор огоҳ шудааст.

5.3. Вобаста ба имконияти Истифодабаранда оид ба бозхонд кардани розигӣ барои коркарди маълумоти шахсӣ, огоҳ шудааст.

5.4. Барои гирфитани маводҳои иттилоотӣ-рекламавӣ вобаста ба хизматрасониҳои барномаи “Шаҳри бехатар” тариқи СМС ва почтаи электронӣ, розӣ мебошад.

6. Розигӣ аз лаҳзаи аз ҷониби Истифодабарандаи барномаи “Шаҳри бехатар” пахш намудани тугмачаи “Воридшавӣ/Бақайдгирӣ” ба қувваи амал медарояд.

7. Розигӣ барои коркарди маълумоти шахсӣ метавонад тариқи ирсол намудани аризаи хаттӣ оид ба бозхонд намудани розигӣ ба суроғаи расмии Оператор, бозхонд карда мешавад.

8. То лаҳзаи бозхонд намудан, розигӣ барои коркарди маълумоти шахсӣ ба муҳлати номуайян қувваи амал дорад.